*УДК 347.9*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-2-32-37*

***СОЗИШНОМАИ ҲАКАМӢ ВА МАСЪАЛАИ БЕЭЪТИБОРИИ ОН***

***Шукуров Фарҳодҷон Манонович**, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон); **Раҷабзода Маҳмадёр Носир,** ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, н.и.ҳ., дотсент (Рашт, Тоҷикистон)*

***АРБИТРАЖНОЕ СОГЛАШЕНИЕ И ПРОБЛЕМА ЕГО НЕДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ***

***Шукуров Фарходджон Манонович,** ст. преподаватель каф. гражданского и трудового права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан); **Раджабзода Махмадёр Носир,** канд. юрид. наук, доцент, ректор Педагогического института Таджикистана в Раштском районе (Рашт, Таджикистан)*

***MEDIATION AGREEMENT AND ITS PROBLEM OF INEFFICIENCY***

***Shukurov Farhodjon Manonovich,** senior lecturer at the department of civil and labor law of the law faculty under the TSULBP (Khujand, Tajikistan); **Rajabzoda Mahmadyor Nasir,** rector of the Tajik Pedagogical Institute, Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor (Rasht, Tajikistan) **e-mail:** shukurov.farhod@list.ru*

*Созишномаи ҳакамӣ ва масъалаи беэътибории он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муайян шудааст, ки созишномаи ҳакамӣ ҳамчун санади муайянкунандаи асоси фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар худ ягонагии чаҳор унсур субъект: ягонагии ирода ва изҳори ирода, шакл ва мундариҷаро пешбинӣ мекунад. Қайд шудааст, ки мавҷудияти нуқсони ҳар як аз унсурҳои мазкур аз беэътибор будани созишномаи ҳакамӣ шаҳодат медиҳад. Хулоса карда шудааст, ки беэътибории созишномаи ҳакамӣ вобаста ба асосҳои зерин ба миён меояд: номуайянӣ, агар иқтибоси арбитражӣ имкон надиҳад, ки номгузории арбитражи тиҷоратӣ муайян карда шавад; нопуррагӣ, агар муайян намудани тартиби таъини ҳакамҳо ва ё расмиёти муҳокимаи парвандаи арбитражӣ ба пуррагӣ амалӣ нагардида бошад ва ғайра.*

***Калидвожаҳо:** созишномаи ҳакамӣ, беэътибории аҳд, суди ҳакамӣ, ҳалли баҳс, муноқишаи ҳуқуқӣ, баҳс, Кодекси маданӣ, Арбитражи байналмилалӣ*

*Исследуется арбитражное соглашение и проблема его недействительности. Определено, что арбитражное соглашение как документ, определяющий основы деятельности арбитражных судов, включает единство четырех элементов: предмета, единства воли и волеизъявления, формы и содержания. Отмечается, что отсутствие одного из перечисленных элементов свидетельствует о недействительности арбитражного соглашения. Делается вывод, что недействительность арбитражного соглашения возникает по следующим основаниям: его неопределенности, если арбитражная оговорка не позволяет определить название коммерческого арбитража; неполноты, если определение порядка назначения арбитров или порядка обсуждения арбитражного дела не осуществлено в полной мере, и т.п.*

***Ключевые слова:** третейское соглашение, недействительная сделка, третейский суд, решение спора, правовой конфликт, Гражданский кодекс, Международный арбитраж*

*The article examines the arbitration agreement and the problem of its inefficiency. It has been determined that the arbitration agreement, as a document defining the basis for the activities of*

*arbitration courts, includes the unity of four elements: subject, unity of will and expression, form and content. It is noted that the absence of one of the listed elements indicates the inefficiency of the arbitration agreement. It is concluded that the inefficiency of the arbitration agreement arises for the following reasons: its uncertainty, if the arbitration clause does not allow determining the name of commercial arbitration; incompleteness, if the determination of the procedure for appointing arbitrators or the procedure for discussing the arbitration case is not carried out at all, etc.*

***Key- words:*** *arbitration agreement, inefficiency deal, arbitration court, debate result, legal conflict, civil code, international arbitration*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки созишномаи ҳакамӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои баррасӣ намудани аризаи иштирокчии баҳси ҳуқуқӣ баромад карда метавонад. Лекин саволе ба миён меояд, ки оё мисли ҳама гуна аҳд, созишномаи ҳакамӣ метавонад беэътибор дониста шавад? Мушкилӣ инчунин дар ҳолате ба миён меояд, ки агар тарафҳои созишномаи ҳакамӣ субъектони хоҷагидори кишварҳои гуногун баромад кунанд. Вобаста ба ин ҳолат қонунгузории миллии кишварҳои мухталиф асосҳои гуногуни фарқкунандаи беэътибории созишномаи ҳакамиро пешбинӣ намуда метавонанд. Ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ тарафи он мумкин аст оид ба талаботи нисбати созишномаи ҳакамӣ дар низоми ҳуқуқии кишвари хориҷӣ мавҷуд буда хабар надошта бошад. Бо назардошти ин ҳолат аҳаммияти ҳам назариявӣ ва амалиро дар раванди мураттабсозии созишномаи ҳакамӣ, муайян кардани нишондоди қонунгузории кишвари хориҷӣ вобаста ба талабот нисбати шакли созишномаи ҳакамӣ, оид ба муайян намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ ва дигар масъалаҳо пайдо мекунад.

Бояд иброз дошт, ки қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои эътиборнокии созишномаи ҳакамиро пешбинӣ кардааст. М.З. Раҳимов оид ба ин масъала сухан ронда ишора намудааст, ки «ҳангоми баҳс оид ба созишномаи ҳакамӣ нисбати ин санад меъёри дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад. Риоя нагардидани шакли хаттии созишнома; аз ҷониби шахси ваколатнадошта ба имзо расонида шудан; зери таъсири фиреб, гумроҳӣ, зӯроварӣ, аз ҷониби тарафи ғайриқобили амал ва ғайра баста шудаанд, асосҳои беэътибории аҳд ба шумор меравindependent» [6, с.14].

Профессор З. Ализода табиати созишномаи ҳакамиро таҳқиқ намуда қайд кардааст, ки барои ҳалли масъалаи беэътибории созишнома вобаста ба суди ҳакамӣ бояд муайян намуд, ки он ба талабот оид ба аҳдҳои дар қонунгузории мадании пешбинӣ шуда мувофиқат мекунад [7, с.50], ба монанди: беэътибории аҳди аз ҷониби шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида анҷом додашуда (м. 186 КМ ҶТ); беэътибории аҳди анҷом додаи шахси воқеие, ки қобилияти дарки аҳаммияти амали худ ё идоракардани онро надошт (м. 195 КМ ҶТ); беэътибории аҳде, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст (м. 196 КМ ҶТ).

В.В. Ярков қайд менамояд, ки чун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ созишномаи ҳакамӣ тибқи асосҳои дар қонунгузории маданӣ пешбинӣ гардида беэътибор дониста шуда метавонад. Дар баробари ин беэътибории созишномаи ҳакамӣ мумкин аст бо қарори алоҳида дар асоси даъво оид ба беэътибор эътироф намудани он, инчунин дар доираи истеҳсолот оид ба баррасии шикоят нисбати ҳалномаи суди ҳакамӣ баррасӣ шавад [8, с.21].

Созишномаи ҳакамӣ бо мавҷуд будани чор унсур фарқ мекунад: субъект (шахсони иштирокчии созишномаи ҳакамӣ), изҳори мувофиқагардидаи ирода, шакл ва мундариҷа. Нуқсони ҳар яке аз ин унсурҳо аз беэътибор будани созишномаи ҳакамӣ шаҳодат медиҳад. Беэътибории созишномаи ҳакамӣ чун аҳди маданӣ-ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки аз пайи ин амал фактҳои юридикӣ аҳаммияти хешро гум карда, вобаста ба ин аҳдҳои беэътибор оқибати дигари ҳуқуқие, ки тарафҳо ҳангоми бастани ин аҳд дар назар доштанд, ба миён

намеояд [2, с. 456]. Аҳдҳои беэътибор оқибати муайяни ҳуқуқие пайдо намуда ба фаъолияти суди ҳакамӣ таъсири хешро мерасонад.

Дар илми муосир муносибати ягона оид ба асосҳои беэътибор эътироф намудани созишномаи ҳакамӣ мавҷуд нест. Масалан, Иншакова А.О. дар раванди таҳқиқи иқтибосҳои арбитражии нуқсондор дар қарордодҳои робитаи байналмилалӣ, ба сифати асосҳои беэътибор эътироф намудани созишномаҳои ҳакамӣ инҳоро номбар намудааст:

- номуайянӣ, агар масалан, иқтибоси арбитражӣ имкон надиҳад, ки номгузории арбитражи тиҷоратиро муайян намояд;
- нопуррагӣ, агар муайян намудани тартиби таъини ҳакамҳо ва ё расмиёти муҳокимаи парвандаи арбитражӣ ба пуррагӣ нашуда бошад;
- гум кардани қувва, агар, масалан, тарафҳо мухлатро барои амалҳои муайян карда бошанду ин мухлат то ин дам гузашта бошад [5, с. 34-35].

Иншакова А.О. қайд менамояд, ки созишномаи ҳакамӣ беэътибор дониста мешавад, агар:

- бо нуқсони ирода (зери таъсири фиреб, гумроҳӣ, таҳдид ва ғайра) баста шуда бошад;
- аз тарафи шахси дорои қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии нокифоя баста шуда бошад;
- бе риояи шакли муқаррар намудаи қонун баста шуда бошад;
- дар худ ҳамаи шартҳои назарраси барои созишномаи арбитражӣ, аз ҷумла хоҳиши барало маълуми пешниҳоди баҳс барои муҳокимаи арбитражиро доро набошад;
- ба меъёри императивии қонунгузории татбиқшаванда оид ба арбитраж мухолифат намояд;
- оид ба масъалаҳои матлаби муҳокимаи ҳакамӣ набуда баста шуда бошад [5, с. 35-36].

Дар ҷараёни гузаронидани таснифот олимон кӯшиш доранд асосҳои беэътибор эътироф намудани аҳдҳо, ки дар қонунгузории маданӣ оварда шуда (масалан, нуқсони ирода, мавҷуд набудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо) ва асосҳои ба табиати созишномаи ҳакамӣ вобаста буда ва як дараҷа ҷиҳати мурофиавӣ доштаро (масалан, мухолифат кардан ба меъёрҳои императивии қонунгузорӣ дар бораи ҳакаамият, роҳ дода нашудани ҳали баҳси дахлдор бо воситаи муҳокимаи ҳакамӣ) бо ҳам алоқаманд менамоянд. Дар ин ҷо бояд байни ҳолатҳои зерин фарқ гузаронида шавад: дар кадом маврид созишноми ҳакамӣ беэътибор эътироф карда мешавад, кай он қувваи юридикии худро гум мекунад ва кадом вақт он ба иҷро расонида намешавад, зеро мафҳумҳои мазкур ҳаммаъно набуда, оқибатҳои гуногуни юридикиро ба миён меоранд [2, с. 456].

Ҳамин тариқ, ба сифати асосҳои беэътибор эътироф намудани созишномаи ҳакамӣ асосҳое дониста мешаванд, риоя нашудани онҳо факти беэътибориро ба миён меоранд:

- қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо;
- мувофиқати иродаи ботинии тарафи созишномаи ҳакамӣ бо изҳори берунаи он;
- шакли муайяни созишномаи ҳакамӣ;
- мувофиқати мундариҷаи созишномаи ҳакамӣ ба талаботи қонунгузорӣ.

Масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо, яъне қобилияти соҳибҳуқуқии тараф тибқи нишондоди қонунгузории маданӣ танзим карда мешавад. Барои он, ки созишномаи ҳакамӣ боэътибор эътироф гардад, тарафҳои онро ба имзо расонида бояд дорои қобилияти соҳибҳуқуқии дахлдор бошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бастани созишномаи ҳакамӣ, инчунин ҳуқуқи пешниҳоди баҳс ба муҳокимаи судии ҳакамиро ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ доранд. Қобилияти соҳибҳуқуқии шахсони воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд пайдо гардида, қобилияти пурраи амалкунӣ дар синни 18 – солагӣ ба вуҷуд меояд. Шахсони ҳуқуқӣ бошанд қобилияти соҳибҳуқуқиро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Мушкилӣ дар мавриди дар муҳокимаи ҳакамӣ иштирок кардани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба миён меояд. Қобилияти соҳибҳуқуқии шаҳрвандони

хориҷӣ аз рӯи қонуни шахсии онҳо муайян карда мешавад, лекин қонунгузории истифодаи гардидани қонуни маҳалли истиқоматро истисно намекунад.

Қобилияти соҳибҳуқуқии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз рӯи қонуни таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ, инчунин бо қонуни маҳалли пешбурди фаъолияти асосӣ муайян карда мешавад. Барои он, ки созишномаи ҳакамӣ ба талаботи пешниҳодшаванда ҷавобгӯ бошад, тарафҳои онро ба имзо расонда бояд қобилияти пурраи соҳибҳуқуқиро тибқи "қонуни шахсӣ" дошта бошанд. Дар таҳқиқоти илмии С.А. Владимиров чунин мисол оварда шудааст: «Аз рӯи парвандаи № 187 /2001 Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар назди Палатаи савдо ва саноати Федератсияи Русия масъалаи қобилияти амалкунии даъвогарро баррасӣ кардааст. Мушкилӣ дар он буд, ки даъвогар – ҷамъияти масъулияташ маҳдуд, ки маҳалли ҷойгиршавиаш Италия аст, дар ҳолати муфлисшавӣ қарор дошт. Аз ин нигоҳ, масъалаи ваколати ҷамъияти мазкур барои иштирок дар арбитраж ба вуҷуд омада буд. Вобаста ба ин ҳолат бо мақсади дар суди Италия аз рӯи қонуни шахсии ҷамъият баррасӣ гардидани парванда, даъвогар кӯшиш дошт то хулосаи адвокатро аз 21 марти соли 2003 бо тавзеҳоти қонунгузории давлати Италия "оид ба қонуни шахсии шахси юридикӣ" ба суд пешниҳод намояд. Аз хулосаи мазкур бармеояд, ки бинобар нишондоди Кодекси мадании Италия, ҷамъияти дар марҳилаи муфлисшавӣ қарордошта метавонад чун даъвогар ва ҷавобгар дар суд ва арбитраж бо воситаи намояндагони худ (комиссияи бартарафсозӣ) ширкат варзад. Дар чунин ҳолат даъвогар дар шароити муносиб аз рӯи парванда қарор дошта, ҷавобгар низ нисбати ин гуна танзими масъала розӣ гардид [1, с.167].

Шарти навбатии боэътибор будани созишномаи ҳакамӣ изҳори ихтиёронаи ирода ба ҳисоб меравад. Изҳори ирода бояд дар ҳақиқат иродаи ботинӣ ва хоҳиши шахс барои баррасии баҳс маҳз дар доираи муҳокимаи ҳакамӣ ифода ёбад. Ду роҳи ташаккул ва изҳори бевиҷдононаи ирода имконпазир мебошад: вақте, ки дар шахс иродаи ботинӣ барои пешниҳоди баҳс ба суди ҳакамӣ вуҷуд надошта бошад ва вақте, ки ин гуна иродаи ботинӣ нодуруст ташаккул ёфтааст. Дар ҳолати якум изҳори ирода зери таъсири таҷовуз, таҳдид ва ё созишномаи бадқасдона нисбати тарафи дигар ташаккул меёбад. Дар ҳолати дувум изҳори ирода зери таъсири фиреб, гумроҳӣ ва ё ҷамъи ҳолатҳои вазнин ташаккул меёбад. Ба ҳар ҳол, новобаста аз он, ки чи тавр изҳори ирода ташаккул ёфтааст, он бояд иродаи иштирокчии аҳдро таҷассум карда, танҳо дар мавриди мувофиқ намудани иродаи аслӣ ва изҳори беруна маҳаки бовиҷдонӣ риоя хоҳад шуд. Ҳамин тавр, дар асоси созишномаи ҳакамӣ иродаи ба мувофиқа расидаи тарафҳо бе ягон нуқсон гузошта мешавад.

Нуқсони ирода ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, ки фарорасии оқибатҳои ҳуқуқиро инкор менамояд, метавонад дар аҳдҳо бо роҳҳои гуногун мушоҳида гардад. Ҳуқуқ танҳо иродаи баёншударо баҳо дода метавонад. Бинобар ин талабот нисбат ба ирода ва изҳори он ба баҳодиҳии ҳуқуқии ирода вобаста карда мешавад. Иродаи ботинии субъект набояд дар асоси ҳолатҳои нуқсондор ташаккул ёбад. Изҳори ирода бояд ба иродаи ботинӣ мувофиқат намояд. Вайрон намудани ин талабот дар Кодекси маданӣ чун беэътибории аҳди рӯякӣ ва қалбакӣ (м.185), беэътибории аҳде, ки дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст (м.195), беэътибории аҳде, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст (м.196) ва ғайра, пешбинӣ гардидааст [3].

Дар баробари хусусияти иродаи тараф, тарзи ташаккули он, инчунин шакли таҷассумшавии иродаи дахлдори тарафҳо ҷиҳати муҳокимаи баҳс дар суди ҳакамӣ низ аҳаммиятнок мебошад. Сухан дар бораи зарурати бастани созишномаи ҳакамӣ дар шакли хаттӣ меравад. Талабот оид ба шакли хаттии созишномаи ҳакамӣ дар Муоҳидаи Ню-Йорк аз соли 1958 «Оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои хориҷӣ» ва Муоҳидаи аврупоӣ аз соли 1961 «Оид ба арбитражи тиҷоратии беруна» пешбинӣ шудааст [2, с. 457].

Талаботи дахлдор дар сатҳи миллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» пешбинӣ гардидааст. Тибқи нишондоди моддаи 11 Қонуни зикршуда, «созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишнома басташуда ҳисоб мешавад, агар шартҳои он дар ҳуҷҷати байни тарафҳо имзошуда, ё тариқи мубодила бо мактубҳо, хабардор намудан тавассути телетайп, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқаи электронӣ, ки ба қайдгирии чунин созишномаро таъмин менамояд ва ё тавассути мубодилаи аризаи даъвогӣ ва бозхонди даъво, ки дар он яке аз тарафҳо мавҷудияти созишномаро тасдиқнамуда, тарафи дигар онро рад накардааст, пешбинӣ шуда бошад. Истинод дар шартнома ба ҳуҷҷате, ки тавзеҳоти арбитражиро дорад, ба шарте созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда бошад ва истиноди мазкур тавзеҳоти номбаршударо қисми таркибии он гардонад» [4].

Шарти дигарии боэътибор будани созишномаи ҳакамӣ мундариҷаи он ба ҳисоб меравад. Мундариҷаи созишномаи ҳакамӣ набояд ба талаботи қонунгузорӣ мухолифат намояд. «Аҳд вобаста ба мундариҷа мумкин аст вобаста ба меъёрҳои диспозитивии пешбининамудаи қонунгузорӣ ва ё умуман дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда, ба таври умум ба ибтидои умумии қонунгузории маданӣ мутобиқат намуданаш лозим аст» [2, с.400]. Лекин вобаста ба табиати хоси созишномаи ҳакамӣ, дар мавриди ҳалли масъала оид ба мундариҷаи созишномаи ҳакамӣ бояд инчунин меъёри қонунгузорӣ дар бораи муҳокимаи ҳакамӣ ба назар гирифта шавад.

Зери истилоҳи мундариҷаи аҳд маҷмуи шартҳои онро ташкилдиҳанда фаҳмида мешавад. Шарти ягона ва муҳимми созишномаи ҳакамӣ созишнамоии тарафҳо оид ба пешниҳоди баҳси мушаххас ба муҳокимаи суди ҳакамӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мундариҷаи созишномаи ҳакамиро ҷиҳати мувофиқат ба қонун санҷида, пеш аз ҳама зарур аст, ки имконпазирии пешниҳоди баҳс ба муҳокимаи суди ҳакамӣ муайян карда шавад. Дар ин маврид се шартро дар назар доштан зарур аст:

1) баҳс бояд аз муносибати маданӣ–ҳуқуқӣ барояд;

2) баҳс набояд ба доираи салоҳияти истисноии судҳои давлатӣ мансуб дониста шавад;

3) баҳс ба хусусияти фаъолияти суди ҳакамии муайян мувофиқат намояд.

Категорияи муносибатҳои ҳуқуқие, ки метавонад чун матлаби баррасии суди ҳакамӣ баромад намояд, муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки бо бавуҷудоӣ ва ба амалбарории ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ, ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ (моликияти зеҳнӣ), муносибатҳои шартномавӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ–уҳдадорӣ, инчунин дигар муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии тарафҳо асос мeёбад, баромад мекунад. Агар ин ҷо муносибати байни шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд фаҳмида мешавад. Баҳс дар чаҳорчӯбаи муносибати ҳуқуқии ба баробарии ҳуқуқии тарафҳо, озодии ирода ва мустақилияти молумулкии тарафҳо асос ёфта шавад, вай наметавонад матлаби муҳокимаи суди ҳакамӣ баромад намояд.

Ҳамин тавр, беэътибории созишномаи ҳакамӣ риоя накардани талабот нисбати субъекти созишномаи ҳакамӣ, хусусияти изҳори иродаи онҳо, инчунин шакл ва мундариҷаии созишномаи ҳакамиро дар назар дорад. Мавҷуд будани ҳама гуна дигар монеҳои иловагӣ барои иҷрои созишномаи ҳакамӣ набояд ҳамчун беэътибории он маънидод карда шавад.

***ПАЙНАВИШТ:***

1. *Владимирова С. А. Правовая природа и значения третейского соглашения [Электронный ресурс]: дисс… канд. юрид. наук: 12.00.03 / С. А. Владимирова. – Москва: РГБ, 2007. – 199 с.*
2. *Гражданское право. Том 1. / Учебник. Издание пятое, переработанное и дополненное / Под. ред. А.С. Сергеева, Ю.К. Толстого. – Москва: ПБОЮЛ Л.В. Рожников, 2000. – 769 с.*
3. *Кодекси мадании ҶумҳурииТоҷикистон, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор мегирад [Матн]. Садои мардум. –№ 1–9 (4584–4592) аз 2 январисоли 2023.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 205.*
5. *Иншакова А.О. Конкуренция третейской и медиативной оговорок во внешнеторговом контракте / Режим доступа: https:// www.sovremennoepravo. ru/m/articles/view/. (санаи муроҷит: 24.01.2024).*
6. *Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности [Текст]: автореф. дис ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / М.З. Рахимов. – Душанбе, 2010. – 29 с.*
7. *Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди ҳакамӣ» / Зери таҳрири н.и.ҳ. З. Ализода. – Душанбе: 2008. – 117 с.*
8. *Ярков В.В. Постатейный научно-практический комментарий к Федеральному закону «О третейских судах в Российской Федерации» / В.В. Ярков. – https://abbanks.by/upload/iblock/015/Balayan.pdf (санаи муроҷиат: 27.01.2024).*

***REFERENCES:***

1. *Vladimirova S. A. Legal Nature and Meaning of the Arbitration Agreement [Electronic resource]: Dissertation ... candidate of jurisprudence. Sciences: 12.00.03. – M.: RSL, 2007. – 199 pp.*
2. *Civil Law. Volume 1. / Textbook. Fifth edition, amended and supplemented / Under. ed. A.S. Sergeeva, Yu.K. Tolstoy. – M.: PBOYUL L.V. Rozhnikov, 2000. – 769 pp.*
3. *Civil Code of the Republic of Tajikistan, which comes into effect on July 1, 2023 [Text]. Voice of the people. - No. 1-9 (4584-4592) dated January 2, 2023*
4. *Law of the Republic of Tajikistan on International Commercial Arbitration // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2015, No. 3, art. 205.*
5. *Inshakova A.O. Competition between Arbitration and Mediation Clauses in a Foreign Trade Contract https:// www.sovremennoepravo. ru/m/articles/view/. (date of appeal: 01/24/2024).*
6. *Rakhimov M.Z. Legal Problems of Achieving the Final Result of Entrepreneurial Activity [Text]: abstract. dis... cand. legal Sciences: 12.00.03 / M.Z. Rakhimov. – Dushanbe, 2010. – 29 pp.*
7. *Interpretation of the Law of the Republic of Tajikistan "On Arbitration Court" / Edited by candidate of legal sciences. Z. Alizadeh - Dushanbe: 2008. - 117 pp.*
8. *Yarkov V.V. Arbitration of scientific and practical commentary on the Federal Law “On Arbitration Courts in Russian Federation.” – https://abbanks.by/upload/iblock/015/Balayan.pdf (date of appeal: 01/27/2024).*